[39] Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко–правовое исследование: монография / отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Андалеб–Р, 2015. –368 с.

[40] Сатывалдиев Р.Ш. Политическая и правовая мысль раннесредневекового мусульманского Востока. – Душанбе, 1999. – 195 с.

[41] Тахиров Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан. – Душанбе, 2009. – 369 с.

[42] Халиков А.Г. Правовая система зороастризма. – Душанбе, 2005. – 488 с.

Масъалаҳои танзими конститутсионӣ, инчунин танзими байналмилалӣ-ҳуқуқии ҳуқуқи занонро Б.А. Сафарзода[43], З. Ализода[44], А.М. Диноршоев[45], А.И. Имомов[46], Д.С. Раҳмон[47] дар корҳои худ таҳқиқ намудаанд.

Оид ба танзими ҳуқуқҳои алоҳидаи занон М.А. Маҳмудзода[48], И.Қ. Миралиев[49], И.И. Саидов[50] сухан рондаанд.

Масъалаи ташаккули сиёсати давлатии ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи занонро Ҷ.З. Маҷидзода[51], Э.С. Насриддинзода[52], Ҷ. Саъдизода[53], Х. Тагойбеков[54] мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Масъалаи ҳимояи ҳуқуқи занон дар доираи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология низ таҳқиқ гардидааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин самт бештар С.Э. Баҳриддинзода[55], Т.Ш. Шарипов[56], Н.Б. Азимзода[57], Б.С. Саидвалиева[58] таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

---

[43] Диноршоев А.М., Сафаров Б.А. Формирование прав человека в Таджикистане: История и современность. – Волгоград, 2014. – 295 с.

[44] Ализода З. Защита прав и свобод человека посредством органа Уполномоченного по правам человека // Развитие судебного права, уголовного права и правоохранительной деятельности в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2015. – С. 22–30.

[45] Диноршоев А.М. Классификация прав, свобод и обязанностей человека и гражданина в РТ. Душанбе, 2013. – 140 с.

[46] Имомов А.И. Вазъи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ, озодӣ ва ӯҳдадориҳои асосӣ– Душанбе: Офсет Империя, 2013. – 224 с.

[47] Рахмон Д.С. Права человека в условиях глобализации: теоретические и методологические проблемы – Душанбе, 2019. – 376 с.

[48] Махмудзода М.А. Сиёсати ҳуқуқӣ ва давлати демократӣ. – Душанбе, 2017. –632 с.

[49] Миралиев И.К. Права человека в условиях формирования правового государства в Республике Таджикистан. дис. … к. ю. н. – Душанбе, 2014. – 258 с.

[50] Саидов И.И. Личные и политические права в системе прав человека в Таджикистане: историко–правовой и общетеоретический анализ: монография. – Душанбе, 2017. –200 с.

[51] Зоиров Дж.М. Таджики: от государства Саманидов до суверенной государственности (историко–правовой анализ). – СПб.: Реноме, 2014. – 287 с.

[52] Насурдинов Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе, 2008. – 196 с.

[53] Саъдизода Ҷ. Ташаккулёбии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар шароити эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистон. [Матн]: дис. … номз. илмҳои ҳуқуқ. – Душанбе 2017. – 172 с.

[54] Тагойбеков Х. С. Правовая политика в Республике Таджикистан: общетеоретический аспект. Дис. … к. ю. н. –Душанбе, 2014. – 188 с.

[55] См.: Бахриддинов С.Э. Преступность в г. Душанбе (1990–1994 гг.). – Душанбе, 1996. – 116 с.; Бахриддинов С.Э. Криминология: Китоби дарсӣ. Қисми умумӣ – Душанбе, 2013. – 187 с.

[56] См.: Шарипов Т.Ш. Условное освобождение от отбывания наказания: проблемы теории, законодательства и практики (по материалам Республики Таджикистан): дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2008. – 563 с.

Бояд тазаккур дод, ки аксарияти таҳқиқотҳои муаллифони ишорашуда дорои хусусияти назариявӣ, таърихӣ ва соҳавӣ буда, дар онҳо тамоюлҳои муосири амалисозии сиёсати давлатии ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи занон мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст. Илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон масъалаи танзими амалисозии ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии занонро дар Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин механизмҳои ҳимоя ва амалисозии он мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтааст.

Ҳамин тариқ, то ҳол таҳқиқоти илмии ҳамаҷониба оид ба сиёсати давлатии ҳуқуқии Тоҷикистон дар самти таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи занон гузаронда нашудааст ва масъалаҳои зиёди назариявӣ ва амалӣ берун аз таҳқиқоти илмӣ мондаанд.

Ҳамаи гуфтаҳо боло ба интихоби мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ таъсир расонида, мақсад ва вазифаҳои онро муайян намуданд.

**Асосҳои назариявии диссертатсияро** андеша ва назарияҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, мутахассисон, ба мисли А.У. Азиззода, С.С. Алексеев, З. Ализода, В.М. Баранов, М.И. Байтин, А.М. Диноршоев, В.Д. Зоркин, А.И. Имомов, И.Ю. Козлихин, Д.А. Керимов, А.П. Коробова, В.Н. Кудрявтсев, Е.А. Лукашева, Ҷ. З. Маҷидзода, А.В. Малко, И.Қ. Миралиев, Г.В. Малцев, М.Н. Марченко, Э.С. Насриддинзода, В.С. Нерсесянтс, С.В. Поленина, В.А. Рудковский, О.Ю. Рибаков, Р.С. Саркисов, Б.А. Сафарзода, И.Г. Сердюкова, Р.Ш. Сотиволдиев, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, К.В. Шундиков ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Объекти таҳқиқотро** муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки дар раванди ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини баробарҳуқуқии мардон ва занон, инчунин василаҳои амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқи занон дар Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд.

**Предмети таҳқиқотро** санадҳои меъёри ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки вазъи ҳуқуқии мардон ва занонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медароранд.

**Заминаи меъёрии** рисоларо муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари

---

[57] См.: Азимов Н.Б. Преступления против нормального развития несовершеннолетнего и интересов семьи. – Душанбе, 2011. – 145 с.

[58] См.: Саидвалиева Б.С. Уголовно-правовые и криминологические проблемы амнистии в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2012. – 195 с.

амалигардонии онҳо», қонунҳои дигар, Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба самти танзимнамоии муносибатҳои баробарии гендерӣ равона шудаанд, ташкил медиҳанд.

**Вазифаи таҳқиқоти диссертатсионӣ** – баррасии ҳамаҷонибаи ташаккули сиёсати давлатии ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои занон, муайяннамоии доираи танзими ҳуқуқии онҳо ва тамоюлҳое, ки дар қонунгузории амалкунанда инъикос ёфтаанд; муайян намудани мушкилоти ҳуқуқии танзим ва таъмини баробарии ҳуқуқи мардон ва занон ҳам аз лиҳози назариявӣ-ҳуқуқӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ, ки дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд; омода намудани пешниҳодҳо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мазкур.

Барои ноил шудан ба ин мақсадҳо, дар рисола **вазифаҳои зерин** гузошта шудаанд:

– гузаронидани таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқии мафҳуми «сиёсати давлатии ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи занон»;

– баррасии ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва махсусияти рушду ташаккули принсипи баробарҳуқуқӣ дар Тоҷикистон;

– муайян кардани хусусиятҳои таъминоти қонунгузории принсипи баробарҳуқуқии мардон ва занон дар Конститутсия ва қонунгузории ҶТ;

– нишон додани мушкилоти танзими ҳуқуқии баробарии мардон ва занон дар Тоҷикистон, инчунин татбиқи амалии онҳо дар ҳаёти ҷомеа ва давлат;

– муайян кардани самти такмили қонунгузорӣ оид ба баробарҳуқуқии мардон ва занон бо назардошти зарурати татбиқи ҳамаҷонибаи он;

– таҳлил намудани василаҳои (механизмҳои) ҳуқуқии ҳимояи баробарии гендерӣ, баҳогузорӣ намудани самаранокӣ ва аҳамияти амалии он.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усулҳои умумиилмӣ, байнисоҳавӣ ва махсуси илмӣ ташкил медиҳанд, ки барои ҳаматарафа баррасӣ намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва меъёрӣ-ҳуқуқии асосҳои ташаккули сиёсати давлатии ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи занон дар Тоҷикистон имконият фароҳам меоранд. Зимни таҳқиқоти рисола усулҳои таркибӣ-функсионалӣ, расмӣ-мантиқӣ, таърихӣ, оморӣ, ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода гардидаанд.

**Асосҳои таҷрибавии рисоларо** маълумотҳои оморӣ, аз ҷумла маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои таҳлилии ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқи занон, амалияи судӣ дар қисмати таъмини баробарҳуқуқии гендерӣ, инчунин таҳлили таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба таъмини ҳуқуқи занон ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз баррасии ҳамаҷонибаи муқоисавӣ-ҳуқуқии ташаккули сиёсати давлатии ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар асоси таҳлили қонунгузорӣ муайян намудани раванди танзимнамоии принсипи баробарии гендерӣ дар самтҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҳаёти ҷомеа, холигии ҳуқуқӣ ва номутаносибии ҳуқуқӣ ҳангоми мустаҳкам намудани баробарии ҳуқуқи мардон ва занон дар қонунгузорӣ; дар асосноккунии пешниҳодҳои нисбатан мувофиқ (намудҳои онҳо) ҷиҳати ҳалли мушкилотҳои ошкоргардида, иборат мебошад.

Ҳамзамон, дар рисола тавсия ва хулосаҳое манзур гардидаанд, ки метавонанд барои такмил ва ташаккули қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мазкур истифода шаванд.

**Тадқиқоти илмии анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки нуктаҳои илмии зерин ба ҳимоя пешкаш карда шаванд:**

2. Сиёсати давлатии ҳуқуқӣ – ин фаъолияти муназзам, илмӣ ва амалан асоснокёфтаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, инчунин намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва халқ мебошад, ки ба такмили унсурҳои танзимнамоии ҳуқуқии фаъолияти давлат ва ҷомеа нигаронида шуда, дорои хусусияти ояндабинӣ мебошанд.

3. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз вазифаи асосии давлат таъмин, риоя ва ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз ҷумла занон мебошад. Вобаста ба ин сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон низ ташаккул ёфта истодааст. Ба таври васеъ, ин сиёсат равандеро ифода менамояд, ки ба фаъолияти мақсадноки мақомоти давлатӣ нигаронида шуда, мақсад аз он ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ ва конститутсионии муқарраршуда, махсусан таъмини фаъолият ва самарабахшии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва василаҳои (механизмҳои) ҳимояи онҳо мебошад.

Шаклҳои татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон инҳоянд: ҳуқуқмустаҳкамнамоӣ, ки ҷараёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалиро дар соҳаи ҳуқуқи инсон фаро мегирад; ҳуқуқтатбиқкунӣ, ки дар он ҳуқуқҳои кафолатдодашудаи инсон дар амал татбиқ карда мешаванд; фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ, вақте ки чораҳои муҳофизатӣ барои

пешгирӣ ва барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда заруранд; фаъолияти тарбияи ҳуқуқӣ, ки баҳри тарбия ва маърифатнокгардонии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон равона гардида, барои ташаккули умумии фарҳанги ҳуқуқи инсон ва барҳам додани нигилизми ҳуқуқӣ замина мегузорад.

3. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати гендерии давлат дар сатҳи муайян ташаккул ефта, ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти мавҷуда оид ба таъмини баробарии мардону занон дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳо нигаронида шудааст. Самтҳои асосии сиёсати гендерӣ дар Тоҷикистон аз инҳо иборатанд: таъмини имкониятҳои баробари мардон ва занон ба институтҳои сиёсӣ; амалан аз байн бурдани табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл, фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ; таъсис додани василаҳои (механизмҳои) воқеии пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон; кам кардани таъсири омилҳои манфӣ ба саломатии репродуктивии занон; мусоидат намудан ба занон ҷиҳати дастрасӣ ба тамоми зинаҳои таҳсилот.

4. Стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи занон на дар як ҳуҷҷат, балки дар маҷмӯи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии хусусияти тавсиявӣ ва ҳатмидошта, ки самтҳои гуногуни ҳимояи ҳуқуқи занонро ба танзми медароранд, таҳия карда шудаанд. Агар мо ба таърихи таҳия ва қабули санадҳои байналмилалии мазкур назар намоем, метавонем хулоса кард, ки танзими байналмилалии ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи занон аз ҷузъ ба кулл гузаштааст. Дар ибтидо зимни танзими байналмилалӣ танҳо мушкилотҳои муайян дар соҳаи таъмини ҳуқуқи занон нишон дода мешудаанд ва танҳо пас аз муддате санадҳои фарогир қабул карда шуданд, ки масъалаи таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои занонро ҳамаҷониба ба танзим медароранд. Ҳамин тавр, ташаккул ва рушди ҳуқуқи занон ва василаҳои (механизмҳои) ҳимояи онҳо дар доираи ҷомеаи ҷаҳонӣ имкон фароҳам оварданд, ки тағйири мақоми зан дар ҷомеа ва давлат ба дастояд. Он ба фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои мардон ва занон, ташаккули эҳтироми ҳуқуқи занон тавассути муҳайё намудани шароит, ки иштироки фаъолонаи онҳоро дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат таъмин менамояд, мусоидат намуд.

5. Таъсис додани василаҳои (механизмҳои) амалисозии ҳуқуқи занон барои ташаккули сиёсати ҳуқуқии давлат дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи занон аҳамияти муҳимро доро мебошад. Дар зери он низоми амали муттасили субъектҳои татбиқи ҳуқуқро (шаҳрванд, дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ) оид ба амалисозии меъёрҳои ҳуқуқи инсон фаҳмида мешавад. Чунин василаҳо иконият медиҳанд, ки ҳуқуқҳои дар Конститутсия пешбинишуда ба арзишҳои мушаххас

табдил дода шаванд. Механизмҳои амалисозӣ унсурҳои зеринро дар бар мегиранд: мустаҳкам кардани ҳуқуқи дахлдор дар санади меъёрии ҳуқуқӣ; таъмини кафолати афзояндаи онҳо, аз ҷумла кафолатҳои ҳуқуқӣ; истифодаи раванди махсуси ҳуқуқӣ дар ҷараёни татбиқнамоӣ (масъалаҳои маҳдудкунӣ, ҳимоя ва уҳдадорӣ).

6. Ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ – ин ҳуқуқу озодиҳои табиӣ ва ҷудонопазири шахс мебошанд, ки ба ӯ аз лаҳзаи таваллуд тааллуқ доранд ва аз мансубияти ӯ ба шаҳрвандии давлати мушаххас вобаста нестанд. Мафҳуми мазкур пурра моҳияти ҳуқуқҳои шахсии занонро низ фаро мегирад. Ҳуқуқҳои шахсии занон дар Конститутсия ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ дар шакли умумӣ пешбинӣ карда шудаанд, вале дар Конвенсия оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар дода шудааст. Дар ин Конвенсия на ҳамаи ҳуқуқҳои шахсии занон, балки ҳуқуқҳое, ки барои занон дар муносибатҳо нисбатан осебпазир мебошанд, инъикос ёфтаант. Таъмини ҳуқуқ ва фароҳам овардани имкониятҳои баробар ба ҳамаи табақаҳо ва гурӯҳҳои аҳолӣ ҷиҳати иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсии кишвар шарти муҳимми бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд маҳсуб меёбад. Маҳз мубориза ҷиҳати дастрасӣ ба ҳуқуқҳои баробари сиёсӣ заминаи ташаккули сиёсати гендериро дар давлат гузоштааст. Ҳуқуқҳои сиёсӣ ҳаёти сиёсии ҷомеаро муайя намуда, ба мардон ва занон имконият медиҳанд то дар идоракунии давлатӣ иштирок намоянд. Ҳамин тариқ, самти сиёсӣ маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳои сиёсиеро дар бар мегирад, ки дар боби дуюми Конститутсияи Тоҷикистон ва қонунгузории кишвар пешбинӣ шудаанд.

7. Ҳуқуқҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар ҳаёти инсон нақши муҳим дошта, муайян намудани ин ҳуқуқҳо аз ҷониби давлат таваҷҷуҳи бештарро тақозо менамоянд. Татбиқи ин категорияи ҳуқуқҳо дар сиёсати ҳуқуқии давлат, ки ба принсипи конститутсионии бунёди давлати иҷтимоӣ асос ёфтааст, пешбинӣ шудааст. Фаъолияти чунин давлат бояд ҳамеша ба таъмини зиндагии шоиста ва рушди озодонаи инсон нигаронида шуда бошад.

Дар натиҷаи омӯзиш, мо ба хулосае омадем, ки танзим ва татбиқи баробарии гендерӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон новобаста аз оне ки мутаносиб мебошанд, як қатор масъалаҳо ба танзими иловагӣ ва коркарди чораҳои муассир баҳри таъмин намудани баробарии воқеӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти давлат ва ҷомеа, ниёз доранд. Ба сифати чунин масъалаҳо, ки дар раванди таҳқиқи рисола муайян карда шуданд, инҳо дохил мешаванд:

– Дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ як зумра монеаҳои субъективӣ ва объективӣ ҷой доранд, аз ҷумла: набудани боварӣ ба қобилияти шахсӣ ҳангоми оғоз ва пушбурди фаъолияти корӣ, ҷой доштани анъанаҳои консервативӣ ва ба таври қатъӣ муайян намудани нақши гендерӣ; дастрасии маҳдуд ба намудҳои гуногуни бозорҳои фурӯш ва қарзҳои номутаносиб. Барои бартараф намудани ин монеаҳо пешниҳод карда мешавад, ки фаъолияти соҳибкорзанони муваффақ пайваста тарғиб карда шавад. Ин имконият медиҳад то занон ба қобилияти шахсии худ эътимод пайдо намуда, ба ташаккули дарки мутавозини фаъолияти соҳибкории «мард» ва «зан» мусоидат намоянд. Бояд чораҳои судманд ҷиҳати огоҳӣ пайдо намудани аҳолӣ аз мавҷудаи барномаҳои давлатӣ дар самти дастгирии соҳибкорӣ андешида шавад; таҳияи барномаҳои мақсадноки омӯзишӣ барои занони соҳибкор ва омӯхтани макалаҳои идоракунии соҳибкорӣ ба онҳо;

– дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ бояд ба масъалаи баробарҳуқуқии мардон ва занон дар соҳаи меҳнат диққати махсус дода шавад. Мушкилоти асосии ин соҳа сегрегатсияи (ҷудошавии) касбии гендерӣ – тамоюли шуғли мардон ва занон дар соҳаҳои муайян, вазифа ва бахшҳои касбӣ мебошад. Ҳалли ин масъала ҷудо намудани квотаҳоро барои занон дар соҳаҳои мушаххас, инчунин мустаҳкамкунии имтиёзҳои гуногуни андозсупориро барои корфармоёне, ки занҳоро ба кор ҷалб менамоянд, тақозо мекунад.

– Дар самти никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ ҳалли муносибатҳои амволӣ байни зану шавҳар зарур аст. Ба назар чунин менамояд, ки дар раванди ҷудошавии ҳамсарон масъалаи маскуннамоӣ ба таври зарурӣ роҳандозӣ карда намешавад. Барои ҳалли масъалаи мазкур бояд ҳатман шартномаи никоҳӣ баста шуда, дар он талаботи амиқ оид ба танзим намудани муносибатҳои амволӣ ҷой дода шавад.

– дар самти ҳифзи саломатӣ дар сатҳи қонунгузорӣ бояд як чанд камбудиҳо, ки дар самти таъмини саломатии занон вуҷуд доранд, ҳалли худро ёбанд. Бешубҳа, ҳифзи саломатии репродуктивии занон аҳамияти муҳимро доро аст, аммо бояд ба дигар паҳлӯҳои саломатии занон (саратон, безурётӣ, бемориҳои бо роҳи ҷинсӣ гузаранда, бемориҳои руҳӣ ва ғайра, ки аксар вақт сабаби худкушии занон мешванд), низ диққати махсус сафарбар карда шавад. Тавре маълум аст, дар аксар маврид бештари бемориҳо дар мардон ва занон этимолония ва табиати пайдоиши гуногун доранд ва табобати онҳо низ махсусиятҳои худро дорад. Ҳангоми танзими ҳуқуқии мушкилоти вобаста ба саломатии занон дар сатҳи қонунгузорӣ бояд диққати махсус ба самти мазкур нигаронида шавад.

– Дар соҳаи маориф ва илм, масъалаи номутаносибии кадррҳои илмии кишвар бояд ҳалли худро ёбад. Барои ин зарур аст то дар якҷоягӣ бо марказҳои илмии кишвар чорабиниҳои гуногун омода карда шаванд, ки онҳо барои ҷалби занон ба фаъолияти илмӣ мусоидат намоянд. Дар байни ин чорабиниҳо пешниҳод карда мешавад, ки барои занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони ноболиғ доранд, давраи дарозтари таҳсил дар магистратура, аспирантура ва докторантура муқаррар карда карда шавад; квотаҳои занон дар шӯрои диссертатсионӣ барои ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ; пардохти иловагӣ барои роҳбарони илмӣ, ки аспирантҳо ва докторантҳои онҳо занон мебошанд.

## Хулоса ва пешниҳодҳои амалӣ

9. Функсияи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак бояд васеъ карда шуда, номи мақомот ба Ваколатдор оид ба ҳимояи ҳуқуқи занон ва кӯдакон иваз карда шавад. Ин пешниҳодро метавон бо мулоҳизаҳои зерин асоснок намуд: якум, пеш аз ҳама бояд шакли ташкилӣ ва моддию техникӣ ба инобат гирифта шавад. Яъне, ҳангоми таъсис додани ниҳоди нав ҳамеша мушкилотҳои молиявӣ ва кадрӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, васеъ намудани функсияи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ва ба он додани функсияи ҳимояи ҳуқуқи занон, имкон медиҳад бе харҷи зиёдатӣ барои таъсис додани ниҳоди нави ҳимоякунанда замина гузорад. Дуюм, кӯдакон ва занон ба гурӯҳи субъектони табақаи обеспазир дохил шуда, аксар маврид бо мушкилотҳои ба ҳам монанд дучор мешаванд, яъне онҳо дар тафовут аз дигарон ба ҳимояи кафолатноки ҳуқуқӣ бештар ниёз доранд. Аз ин лиҳоз, таъсис додани ниҳоди махсус ки ҳимояи ин ду табақаи осебпазири шаҳрвандонро ба роҳбарӣ гирад, аз нигоҳи мо, судманд хоҳад буд.

10. Бояд қайд намуд, ки дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 масъалаи таъмини баробарии гендерӣ ба таври кофӣ инъикос нагардидааст. Он танҳо ду муқарраротро дар бар мегирад, ки ба ҳимояи манфиатҳои занон таъсир мерасонад. Ҳамзамон, масъалаҳои муҳимтарини таъмини баробарии гендерӣ, аз қабили: иштироки занон дар раванди интихобот ва идоракунии давлатӣ; фароҳам овардани шароит барои иштироки фаъоли занон дар соҳаи соҳибкорӣ; танзими муносибатҳои ақди никоҳ ва оила, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба ҳуқуқи амволии зану шавҳар, мубориза бо зӯроварии хонаводагӣ; таъмини дастрасӣ ба таҳсил аз мадди назар дур мондаанд. Масъалаҳои мазкур айни ҳол танзими ҳуқуқии худро надоранд. Дар навбати худ, консепсияи номбурда ба

сифати ҳуҷҷати дурнамо баромад намуда, дар он рушди қонунгузории ватанӣ барои даҳсолаи оянда муайян карда мешавад. Мутаносибан, он бояд ҳамаи масъалаҳои марбут ба ҳуқуқи занонро ба таври дақиқ муайян кунад. Аз ин рӯ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028-ро зарур аст то дар худ муқарраротҳои бештарро доир ба ҳуқуқу озодиҳои занон ҷой диҳад.

11. Дар соҳаи рушди ҳуқуқҳои занон низоми се зинага бояд таъсис дода шавад: функсияи идоракунӣ ба Вазорати кор бо занон ва оила вогузор карда шавад, ки ба ҷои Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шавад; вогузор кардани фаъолияти ҳамоҳангсоз ба Шӯрои занон дар назди Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; функсияи иловагии ҳуқуқмуҳофизавӣ ба уҳдаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи занон ва кӯдакон вогузор карда шавад. Ташкил намудани чунин низом барои ҳалли вазифаҳои Стратегияи миллии рушд то соли 2030 – таъмини баробарии гендерӣ дар кишвар то соли 2030 мусоидат хоҳад намуд.

12. Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ба таври кофӣ масъалаи баробарии мардон ва занонро танзим намудааст, аммо як зумра муқаррароти он ниёз ба такмил доранд. Аз ҷумла, дар асоси тавсияҳои Кумитаи СММ оид ба барҳам додани табъиз нисбати занон, бояд мафҳумҳои зерин дар қонун ҷой дода шаванд:

– «табъизи мустақими гендерӣ» – ба таври амиқ гузоштани фарқият вобаста ба ҷинс дар қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи хусусӣ, ки асоси қонунӣ надорад;

– «табъизи ғайримустақими гендерӣ» – дар қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷой надоштани фарқияти амиқ вобаста ба ҷинс, аммо ҳангоми амалӣ намудани онҳо имконияти ба табъиз мубаддал гардиданашон ҳам дар сатҳи давлатӣ ва ҳам дар сатҳи хусусӣ ҷой дорад;

– «чораҳои махсуси муваққатӣ» – заминаҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва ташкилие, ки барои таъмини баробарии воқеӣ байни мардон ва занон кӯмак намуда, ба барҳам додани табъиз нисбати занон, инчунин дигар нумудҳои табъиз, ба мисли табъизи нажодӣ, мунсубияти иҷтимоӣ, динӣ, ақалияти миллӣ ва ғ. замина мегузоранд.

– «экспертизаи гендерӣ» – ин таҳқиқ намудани вайронкунии баробарии гендерӣ дар қонун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар лоиҳаи он бо мақсади мувофиқ намудани

қонунгузории давлат ба шартномаҳои байналмилалӣ ва шартномаҳо оид ба баробарии гендерӣ;

– «стандартҳои гендерӣ» – муносибат, тасаввурот, одат ва амал, ки асоси бавуҷудоии андешаҳои нотамом ва ё афзалият ба як ҷинсро дошта, онҳо бевоиста ва ё бавосита ба сифати сарчашмаи нобаробарии гендерӣ ва табъизи гендерӣ баромад менамоянд.

13. Ба қисми 1-уми моддаи 16-и Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бояд тагийрот ворид карда шавад, ки дар асоси он ҳамсарон метавонанд ба тартиби соддашуда соҳиби шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаванд. Албатта, дар ин ҳолат эҳтимолияти бастани акди никоҳи қалбакӣ бо мақсади ба даст овардани шаҳрвандӣ вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, шарти низоми соддакардашудаи гирифтани шаҳрвандӣ тавассути ҳамсар бояд то андозае тағйир дода шавад, аз ҷумла доштани фарзандони муштарак аз никоҳ ва ба муҳлати муайян якҷоя зиндагӣ кардан (ҳадди ақал 5 сол). Дар сурати иҷро намудани ин талаботҳо онҳо имконияти гирифтани шаҳрвандӣ пайдо мекунанд. Ин як роҳи пешгирӣ аз никоҳи қалбакӣ хоҳад буд.

14. Пешниҳод менамоем, дар қонунгузории интихоботии кишвар ва Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» муқаррароте ворид карда шавад, ки мувофиқи он ҳизбҳои сиёсӣ ҳангоми тартиб додани рӯйхати ҳизбии худ вобаста ба низоми мутаносибӣ ва рӯйхати номзадҳо вобаста ба минтақаи мажоритарӣ бояд квотаҳо (ҳадди ақал 30 фисад) барои занони номзад муқаррар намоянд. Ин квота бояд дар тамоми рӯйхат баробар тақсим карда шавад (барои он ки квотаи мазкур ба ҳарза мубаддал нагардад ва зани номзад дар охири рӯйхат ҷой дода шавад). Инчунин, дар сурати интихоб шудани зан дар рӯйхати номзадҳо ва даст кашидан аз мансаби интихобӣ, иваз намудани номзадии зан ба номзадии мард маън пешгирӣ карда шавад. Чунин чораҳо барои пешгирӣ намудани кафолатҳои ҷойдошта аз мубаддалёбӣ ба ҳарза, замина мегузоранд.

15. Пешниҳод менамоем, ки ба КҶ ҶТ моддаи $140^1$ «Таҳқири ҷинсӣ дар ҷойи кор» бо тартиби зерин ворид карда шавад – «Таҳқири ҷинсӣ, рафтори номатлуб, кӯшиши алоқаи ҷинсӣ, таҳқири ҷинсии номуайян ё ошкоро, дархостҳо дар бораи алоқаи ҷинсӣ, дигар амалҳои шифоҳӣ ё ҷисмонии дорои хусусияти шаҳвонӣ, ки аз ҷониби мард бар зидди зан, бар зидди хоҳиши ӯ содир шудааст, бо маҳрум сохтан аз як сол то се сол бо манъи ишғоли мансабҳои роҳбарӣ ба муҳлати панҷ сол ҷазо дода шавад».

16. Дар Кодекси оила бояд муқаррароти мазкур ҷой дода шавад: «Шавҳар ҳуқуқ надорад бе розигии зан парвандаи ҷудошавиро ҳангоми ҳомиладории зан ва дар муддати як соли пас аз таваллуди фарзанд ба вуҷуд орад, агар вай далелҳои кофӣ ва раднопазире дошта бошад, ки исбот намояд то имконияти ба вуҷуд омадани кӯдак аз ин никоҳ ҷой надошт». Ба сифати чунин далел метавон натиҷаи экспертиза оид ба муайян намудани падарӣ, экспертиза дар хусуси он ки мард имконияти аз лиҳози физиологӣ ба вуҷуд овардани фарзандро надорад, пешниҳод намуд. Инчунин, ба сифати далел метавон мавҷуд набудани иртибот бо зан – дар сафари хизматӣ қарор доштанд, экспедитсия, сафари тулониро пешниҳод намуд, ба шарте, ки онҳо асоснок бошанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола** аз он иборат мебошад, ки дар он хусусиятҳои танзими ҳуқуқии масъалаҳои ҳуқуқ ва озодиҳои занон ва баробарии гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври амиқ таҳлил гардида, моҳияти ҳуқуқӣ ва махсусияти сиёсати ҳуқуқӣ дар ин самт ошкор карда шудааст.

Дар рисола хулосаҳои асосноки назариявӣ ва пешниҳодҳо оид ба такмили танзими ҳуқуқии баробарии гендерӣ, инчунин механизмҳои татбиқи он бо мақсади роҳ надодан ба пайдоиши ҳама гуна табъиз аз рӯи ҷинсият оварда шудааст. Маводҳои диссертатсияро метавон ҳангоми омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи инсон, механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи занон дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва дигар донишгоҳҳои кишвар истифода намуд. Пешниҳодҳо оид ба такмил додани таъминоти баробарҳуқуқӣ дар ҷомеа метавонанд бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда татбиқ карда шаванд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар илми ҳуқуқшиносӣ бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии тадқиқот, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, хулосаҳо, нуктаҳои асосии ҳимояшаванда, инчунин тавсияҳои амалӣ аз ҷониби муаллиф шахсан коркард шуда, пешниҳод ва асоснок карда шудаанд.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқти диссертатсионӣ.** Пешниҳодҳои асосии назариявии муаллиф моҳияти худро дар мақолаҳои илмии ӯ пайдо намудаанд; натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва дигар ҳамоишҳои зерин дар шакли маърӯзаи илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

– дар конференсияи «Саҳми занон дар рушди илм» – маърӯза дар мавзӯи «Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият – омили рушди ҳуқуқ ва озодии занон» (02.09.2016).;

– дар конференсияи ҷумҳуриявии «Саҳми занон дар рушди илм» – маърӯза дар мавзӯи «Занон ва ҷавонон дар меҳвари сиёсати иҷтимоии давлат» (11.02.2018).;

– дар мизи мудаввар «Ҳимояи давлатии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзӯи «Механизмҳои амалисозии ҳуқуқи занон дар Тоҷикистон» (11.05.2018).;

– дар мизи мудаввар «Рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила» – маърӯза дар мавзӯи «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила: дурнамо ва мушкилот» (07.06.2018).;

– дар конференсияи илмии «Саҳми занон дар рушди илм» – маърӯза дар мавзӯи «Ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои зан дар ҷомеа» (11.02.2019).;

– дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ «Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо» – маъруза дар мавзӯи «Ҳуқуқи занон – ҷузъи ҷудонопазири ҳуқуқи инсон» (10.10.2019).;

– дар Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500-солагии Саразми бостонӣ», «700-солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» – маъруза дар мавзӯи «Сиёсати гендерӣ ҳамчун қисми таркибии сиёсати ҳуқуқӣ» (23.04.2020).

**Тасвиб оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Оид ба муҳтавои диссертатсия 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ интишор шудаанд.

Баъзе аз муқаррароти таҳқиқоти диссертатсионӣ зимни баргузор намудани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи инсон» ва «Ҳуқуқи занон» барои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Рисола аз муқаддима, 2 боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрам будани мавзӯи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, объект, мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои

таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назарӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия – **«Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф масъалаҳои вобаста ба мафҳум, моҳият ва шаклҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон ва ташаккул ва танзими сиёсати ҳуқуқии гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор додааст.

**Дар зербоби аввали боби якум** – «Мафҳум, моҳият ва шаклҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муаллиф масъалаҳои назариявии алоқаманд бо мафҳум, моҳият ва шаклҳои сиёсати ҳуқуқии давлатро таҳлил намудааст.

Рисоланавис иброз менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ барои солҳои 2018-2028 қабул карда шудааст. Аммо, новобаста аз ин, масъалаи мафҳум, моҳият, мазмун ва зарурати таҳия ва қабули сиёсати ҳуқуқӣ аҳамияти худро аз даст надодааст. Дар адабиёти ҳуқуқии муосири ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мафҳум, моҳият ва шаклҳои сиёсати ҳуқуқӣ баҳсҳои муайян ҷой доранд. Пеш аз ҳама, ин ба масъалаи мавҷудияти «сиёсати ҳуқуқӣ» ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Зимни таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф ба хулосае омадааст, ки сиёсати давлатӣ масъалаҳои вобаста ба идоракуниро фаро мегирад, дар ҳоле ки сиёсати ҳуқуқӣ самти асосии инкишофи давлатро тавассути ташаккули низоми ҳуқуқии кишвар муайян менамояд. Ба ибораи дигар, сиёсати ҳуқуқии давлат ҳадафҳои асосии стратегии давлатро тавассути танзими ҳуқуқӣ муайян менамояд. Тавассути сиёсати давлатӣ бошад ин нишондодҳои меъёрӣ дар амал татбиқ карда мешавад. Ҳамин тариқ, сиёсати давлатӣ – категорияи динамикӣ ва сиёсати ҳуқуқӣ – категорияи статикӣ мебошад.

Масъалаи дигари баҳсноке, ки муаллиф ба он таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, ин масъалаи истифодаи истилоҳот мебошад. Ҳамин тариқ, дар адабиёти ҳуқуқӣ дар барои истилоҳи «сиёсати ҳуқуқӣ», инчунин истилоҳҳои дигар, ба мисли «сиёсати юридикӣ (ҳуқуқӣ)», «сиёсати қонунгузорӣ», «сиёсати қонунэҷодкунӣ», «сиёсати ҳуқуқтанзимнамоӣ» мавриди истифода қарор мегиранд. Дар натиҷаи омӯзиши мавқеъҳои дар рисола матраҳшуда, муаллиф ба хулосае омадааст, ки истилоҳи «сиёсати ҳуқуқӣ» категорияи асосӣ ба шумор рафта, фаъолияти давлатро дар самти меъёрэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ муайян

менамояд. Истилоҳҳои дигар ҷузъи таркибии сиёсати ҳуқуқиро ташкил дода ин ё он самтҳои фаъолиятро дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ амиқ менамоянд.

Татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ самти муҳимми фаъолияти давлатро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, бояд ба таври амиқ субъектони татбиқкунандаи он муайян карда шаванд. Рисоланавис иброз менамояд, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ субъектони сиёсати ҳуқуқиро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд: субъектҳои ташаккулдиҳандаи сиёсати ҳуқуқӣ ва субъектони татбиқкунандаи сиёсати ҳуқуқӣ. Гурӯҳи якуми субъектон зиёд мебошанд. Ба он давлат дар симои мақомоти давлатӣ, халқ зимни иштирок дар раъйпурсӣ, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ (ташкилотҳои гуногуни сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ) дохил мешаванд. Ба гурӯҳи дуюми субъектҳо бошад, танҳо мақомоти ҳокимияти давлатие дохил мешаванд, ки барои амалисозии сиёсати ҳуқуқии давлат масъул мебошанд.

Барои амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ аз нигоҳи муаллиф шаклҳои он нақши муҳимро мебозанд. Аз нигоҳи рисоланавис чунин шаклҳои амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ ҷой доранд: ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, тафсирнамоӣ, таълимӣ (доктриналӣ), ҳуқуқомӯзӣ. Дар натиҷаи омӯзиш, рисоланавис чунин мафҳуми сиёсати ҳуқуқии давлатро пешниҳод менамояд: Сиёсати ҳуқуқӣ – ин фаъолияти муназзам, илмӣ ва амалан асоснокёфтаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, инчунин намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва халқ мебошад, ки ба такмили василаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳаёти давлат ва ҷомеа нигаронида шуда, дорои хусусияти ояндабинӣ мебошанд.

**Дар зербоби дуюми боби якум – «Ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон»** муаллиф масъалаи ташаккул ва амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсонро дар Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муаллиф иброз менамояд, ки дар замони муосир вазифаи асосии давлат аз таъмини риоя ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон иборат мебошад. Ин вазифа дар ҳар давлат ба усулҳо ва воситаҳои муайян асос ёфтааст, ки сиёсати ҳуқуқии давлатро дар соҳаи амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ташаккул медиҳанд ва ба ин васила дар бунёди давлати ҳуқуқбунёд саҳм мегузоранд. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 муносибати комилан навро нисбат ба ҳуқуқи инсон дар мамлакат ба вуҷуд овард, ки дар заминаи он тадриҷан ислоҳот дар соҳаи ҳуқуқи инсон гузаронида мешавад ва ҳадаф аз он тағйир додани вазъи ҳуқуқи инсон, фароҳам овардани шароити муосиди зиндагӣ ва кафолати татбиқи

ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Бо дарназардошти ин, дар Тоҷикистон бояд сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ташаккул дода шавад, ки онро метавон ҳамчун раванди фаъолияти мақсадноки давлатӣ барои ноил гардидан ба ҳадафҳои иҷтимоӣ ва мақсадҳои конститутсионии пешбинишуда, махсусан таъмини фаъолият ва самараконии ҳуқуқу озодиҳои инсон, инчунин механизмҳои ҳимояи онҳо, баҳогузорӣ намуд.

Дар натиҷаи таҳқиқот, рисоланавис чунин шаклҳои татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсонро ҷудо менамояд:

– ҳуқуқмустаҳкамнамоӣ, ки ҷараёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалиро дар соҳаи ҳуқуқи инсон фаро мегирад. Шакли мазкур ба чунин арзишҳои конститутсионӣ бояд асос ёбад: – эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ, дахлнопазирӣ ва ҷудонопазирии онҳо, дар кишвар ташкил кардани низоми нави ҳуқуқи инсон дар асоси стандартҳои байналмилалӣ, бо дарназардошти махсусиятҳои миллӣ ва уҳдадории давлат оид ба эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқи инсон.

– ҳуқуқтатбиққунӣ, ки дар он ҳуқуқҳои кафолатдодашудаи инсон дар амал татбиқ карда мешаванд. Шакли мазкур масъалаи кафолати ҳуқуқи инсон, тартиби маҳдуд кардани онҳо, инчунин ҷавобгарӣ барои вайрон кардани онҳоро дар бар мегирад.

– фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ, вақте ки чораҳои муҳофизатӣ барои пешгирӣ ва барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда заруранд. Моҳияти шакли ҳуқуқмуҳофизавии амалисозии сиёсати ҳуқуқии давлат дар соҳаи ҳуқуқи инсон – ин фаъолияти ҳамаи субъектҳо дар самти ҳимояи ҳуқуқи инсон мебошад, ки амалисозии онҳоро таъмин менамоянд, шароити заруриро фароҳам меоранд, чораҳои махсусро барои ҳифз ва барқароркунии ҳуқуқҳои поймолшудаи инсон меандешанд. Бо ин мақсад, дар давлат институтҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ки дар маҷмӯъ низоми механимзҳои ҳимояи ҳуқуқи инсонро ташкил медиҳанд, ташаккул меёбанд.

– фаъолияти тарбияи ҳуқуқӣ, ки баҳри тарбия ва маърифатнокгардонии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон равона гардида, барои ташаккули умумии фарҳанги ҳуқуқи инсон ва барҳам додани нигилизми ҳуқуқӣ замина мегузорад. Фаъолияти мазкур самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқи инсон мебошад.

**Дар зербоби сеюми боби якум – «Ташаккул ва танзими ҳуқуқии сиёсати гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф масъалаи ташаккули сиёсати гендерӣ дар Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор додааст. Рисоланавис қайд менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият як қатор уҳдадориҳои

байналмилалиро дар самти ҳуқуқи инсон аз ҷумла оид ба ҳуқуқу озодиҳои занон ба зиммаи худ гирифт. Дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои СММ-ро оид баробарии гендериро дастгирӣ ва онро ҳамчун асосии сиёсати дохили худ дар ин самт эътироф намуда, ҳамчун шарти зарурӣ барои рушди устувори кишвар ва фароҳам овардани шароит барои амалисозии нерӯи пурраи инсонӣ ҷонибдорӣ менамояд. Дар ин давра, фаълияти пурсамар ҷиҳати коркард намудани сиёсати давлатӣ ва ҳуқуқӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқи занон анҷом дода шуданд, ки дар натиҷа як зумра қонунҳо қабул гардида, чораҳои самарабахши давлатӣ рӯи кор омаданд, ки онҳо барои баланд бардошти мақоми занон дар ҳаёти давлатӣ ва ҷамъияти заминаи воқеӣ гузоштанд. Дар заминаи чунин санадҳои бунёдии байналмилалӣ, ба монанди Конвенсияи СММ оид ба барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон, Эъломияи Пекин ва платформаи амалиёт, Ҳадафҳои рушди устувор дар Тоҷикистон, Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», «Барномаи давлатии самтҳои асосии сиёсати давлат оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробарии мардон ва занон дар Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010», «Барномаи давлатӣ оид ба тайёр кардани мутахассисон аз ҳисоби занон ва мусоидат ба шуғли онҳо барои солҳои 2012-2015», «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020», «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022» қабул карда шуданд, ки дастури асосии фаъолияти давлат дар соҳаи гендерӣ маҳсуб меёбанд, ё ба ибораи дигар, онҳо сиёсати гендерии давлатро муайян менамоянд.

Дар ин замина, рисоланавис чунин мешуморад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самти муайяни сиёсати гендерӣ ташаккул ефта, ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти мавҷуда оид ба таъмини баробарии мардону занон дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳо нигаронида шудааст. Пас аз таҳлил, рисоланавис чунин самтҳои асосии сиёсати гендерӣ дар Тоҷикистонро муайян намудааст:

– таъмини имкониятҳои баробари мардон ва занон ба институтҳои сиёсӣ;

– амалан аз байн бурдани табъиз дар соҳаи меҳнат ва шуғл, фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ;

– таъсис додани василаҳои (механизмҳои) воқеии пешгирии зӯроварӣ нисбат ба занон;

– кам кардани таъсири омилҳои манфӣ ба саломатии репродуктивии занон;

– мусоидат намудани занон ҷиҳати дастрасӣ ба тамоми зинаҳои таҳсилот.

**Дар боби дуюми рисола – «Фаъолияти қонунгузорӣ ва ташкилии давлат оид ба татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқи занон»** рисоланавис масъалаҳои таъсири стандартҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дар ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқи занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзими ҳуқуқӣ ва амалисозии ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор додааст.

**Дар зербоби якуми боби дуюм – «Таъсири стандартҳои байналмилалии ҳуқуқӣ ба ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқи занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф қайд менамояд, ки ташаккул ва рушди ҳуқуқи занон ва механизмҳои ҳимояи онҳо дар низоми ҳуқуқи инсон ҳамчун категорияи алоҳида дар доираи ҷомеаи ҷаҳонӣ имконият дод то мақоми зан дар ҷомеа ва давлат тағйир ёбад.

Чунин раванд барои эҷоди имкониятҳои баробар дар байни мардон ва занон, ташаккули эҳтиром ба ҳуқуқи занон тавассути фароҳам овардани шароит, ки иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлат таъмин менамояд, мусоидат намуд. Ҳавасманд кардан ва ҳимояи намудани ҳуқуқи занон на танҳо фароҳам овардани имтиёзҳои муайянро дар мегирад, балки андешидани тадбирҳо барои тағйир додани муносибатҳои табъизӣ, қабули сиёсат, қонун ва барномаҳое, ки монеаҳоро бартараф менамоянд ва мавҷудияти ҳуқуқҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии занонро кафолат медиҳанд.

Муаллиф иброз менамояд, ки стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи занон дар як чанд санад дарҷ ёфтаанд. Онҳо дар санадҳои мухталифи байналмилалии ҳуқуқӣ, ки дорои хусусияти тавсиявӣ ва ҳатмӣ мебошанд ва самтҳои гуногуни ҳимояи ҳуқуқи занонро танзим менамоянд, инъикос ёфтаанд.

Агар мо ба таърихи таҳия ва қабули санадҳои байналмилалии мазкур назар афканем, метавонем хулоса баровард, ки танзими байналмилалии ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи занон аз ҷузъ ба кулл гузаштааст, яъне дар ибтидо зимни танзими байналмилалӣ танҳо мушкилотҳои муайян дар соҳаи таъмини ҳуқуқи занон нишон дода мешудаанд ва танҳо пас аз муддате санадҳои фарогир қабул карда

шуданд, ки масъалаи таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи занонро ба пуррагӣ танзим мекарданд.

Дар натиҷаи таҳқиқот, мо ба хулосае омадем, ки қонунгузории ватанӣ ба стандартҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи замон мутобиқат менамояд. Дар баробари ин, мутобиқати расмии қонунгузории кишвар ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ на ҳама вақт маънои онро дорад, ки кишвар уҳдадориҳои байналмилалии худро дар самти ҳимоя ва риояи ҳуқуқи занон ба таври лозима иҷро менамояд.

**Дар зербоби дуюми боби дуюм – «Танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои шахсии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф масъалаи танзим ва амалисозии ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсии занонро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар баробари ин, муаллиф зикр менамояд, ки таъсис додани василаҳои (механизмҳои) амалисозии ҳуқуқи занон барои ташаккули сиёсати ҳуқуқии давлат дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи занон аҳамияти муҳимро доро мебошад ва дар зери он бояд низоми амали муттасили субъектҳои татбиқи ҳуқуқро (шаҳрванд, дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ) оид ба амалисозии меъёрҳои ҳуқуқи инсон, фаҳмид. Ба ибораи дигар, механизмҳои амалисозии ҳуқуқ ва озодӣ – ин «технология»-и таъсиррасонӣ тавассути танзими ҳуқуқӣ оид ба иҷрои талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар рафтори инсон мебошад. Чунин василаҳо имконият медиҳанд то барои интиқоли ҳуқуқҳои дар Конститутсия пешбинишуда ба манфиатҳои мушаххас тадбирандешӣ карда шавад. Дар натиҷаи омӯзиши мавқеъҳои мавҷуда дар илм, муаллиф ба хулоса омадааст, ки механизмҳои амалисозӣ унсурҳои зеринро фаро мегиранд:

– мустаҳкам кардани ҳуқуқи дахлдор дар санади меъёрии ҳуқуқӣ;

– таъмини кафолати афзояндаи онҳо, аз ҷумла кафолатҳои ҳуқуқӣ;

– истифодаи раванди махсуси ҳуқуқӣ дар ҷараёни татбиқнамоӣ (масъалаҳои маҳдудкунӣ, ҳимоя ва уҳдадорӣ).

Унсури муҳими амалисозии ҳуқуқи инсонро танзими ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои мушаххаси инсон ташкил медиҳад, ки дар доираи Конститутсия ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ амалӣ карда мешаванд. Дар муттаҳидӣ онҳо низоми ҳуқуқи инсонро ба вуҷуд меоранд. Муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ қайд менамоянд, номгӯи зиёди ҳуқуқу озодиҳое, ки санадҳои байналмилалӣ ва конститутсияҳои миллӣ эътироф намудаанд, мавҷудияти сохтор ва таснифоти онҳоро бозгӯи менамоянд.

Дар ин масъала, ҳуқуқи занон истисно буда наметавонад. Мо ба таври маъмулӣ ҳуқуқҳои инсонро ба шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҷудо менамоем.

Рисоланавис қайд менамояд, ки ҳуқуқ ва озодиҳои шахсӣ – ин ҳуқуқу озодиҳои табиӣ ва ҷудонопазири шахс мебошанд, ки ба ӯ аз лаҳзаи таваллуд тааллуқ доранд ва аз мансубияти ӯ ба шаҳрвандии давлати мушаххас вобаста нестанд. Мафҳуми мазкур пурра моҳияти ҳуқуқҳои шахсии занонро низ фаро мегирад. Ҳуқуқҳои шахсии занон дар Конститутсия ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ дар шакли умумӣ пешбинӣ карда шудаанд, вале дар Конвенсия оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар дода шудааст.

Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки дар ин Конвенсия на ҳамаи ҳуқуқҳои шахсии занон, балки ҳуқуқҳое, ки барои занон дар муносибатҳо нисбатан осебпазир мебошанд, инъикос ёфтаант. Ва ин табиист, зеро ҳуқуқи инсон дар умум фарқияти ҷинсиро ифода намекунад. Инчунин, дар бораи танзими маҳдуди ҳуқуқҳои шахсӣ дар Конвенсия оид ба барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбати занон сухан ронда, бояд қайд намуд, ки Конвенсияи мазкур санади байналмилалие мебошад, ки тамоми санадҳои қаблан қабулшудаи байналмилалиро дар самти ҳимояи ҳуқуқи занон фаро гирифтааст. Тавре аз таҳлилҳои анҷомдодаи мо маълум гардид, санади мазкур бештар ҳуқуқҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқисодии занонро мавриди танзим қарор додааст.

Таъмини ҳуқуқ ва фароҳам овардани имкониятҳои баробар ба ҳамаи табақаҳо ва гурӯҳҳои аҳолӣ ҷиҳати иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсии кишвар шарти муҳимми бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд маҳсуб меёбад. Маҳз мубориза ҷиҳати дастрасӣ ба ҳуқуқҳои баробари сиёсӣ заминаи ташаккули сиёсати гендериро дар давлат гузоштааст. Ҳуқуқҳои сиёсӣ ҳаёти сиёсии ҷомеаро муайя намуда, ба мардон ва занон имконият медиҳанд то дар идоракунии давлатӣ иштирок намоянд. Ҳамин тариқ, соҳаи сиёсӣ дар худ маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳои сиёсиеро ҷой додааст, ки дар боби дуюми Конститутсияи Тоҷикистон ва қонунгузории кишвар пешбинӣ шудаанд.

Рисоланавис қайд менамояд, ки танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсии занон дар Тоҷикистон ба принсипи баробарии гендерӣ мувофиқат намуда, онро метавон ҳамчун шакли таҳияшуда ва коркардшуда баҳогузорӣ намуд. Қонунгузории Тоҷикистон дар самти мазкур меъёри ҳуқуқиеро муайян нанамудааст, ки ҳуқуқи инсонро вобаста ба ҷинс маҳдуд намояд. Дар навбати худ, таҳлили татбиқи ин

ҳуқуқҳо дар амал имкон медиҳад, ки муқарраротҳое ки ба такмил ниёз доранд, муайян карда шаванд:

*Якум,* яке аз масъалаҳои муҳимро дар самти таъмини ҳуқуқи занон ин масъалаи ба даст овардан ва аз даст додани шаҳрвандӣ ташкил медиҳад. Бо дарназардошти раванди муосир, ки шумораи зиёди шаҳрванди Тоҷикистон ҷиҳати машғул шудан ба фаъолияти меҳнатӣ тарки кишвар менамоянд ва дар он ҷо бо шаҳрвандони хориҷӣ издивоҷ менамоянд, зарур мешуморем то дар Қонуни ҶТ «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррароте ҷой дода шавад, ки дар асоси он ҳамсарон метавонанд ба тартиби соддашуда соҳиби шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаванд.

*Дуюм,* занон дар муқоиса бо мардон аз ҳуқуқи интихоботи фаъол ба таври зарурӣ истифода намебаранд, ки боиси бартарии мардон дар мақоми болоии ҳокимият мегардад. Бо дарназардошти ин ва бо баинобат гирифтани амалияи Тоҷикистон, пешниҳод менамоем, дар қонунгузории интихоботии кишвар ва Қонуни ҶТ «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» муқаррароте ворид карда шавад, ки мувофиқи он ҳизбҳои сиёсӣ ҳангоми тартиб додани рӯйхати ҳизбии худ вобаста ба низоми мутаносибӣ ва рӯйхати номзадҳо вобаста ба минтақаи мажоритарӣ бояд квотаҳо (ҳадди ақал 30 фисад) барои занони номзад муқаррар намоянд. Ин квота бояд дар тамоми рӯйхат баробар тақсим карда шавад (барои он ки квотаи мазкур ба ҳарза мубаддал нагардад ва зани номзад дар охири рӯйхат ҷой дода шавад). Ба андешаи мо, ин тадбир ба иштироки фаъолонаи занон дар равандҳои сиёсии кишвар боз ҳам мусоидат хоҳад кард.

*Сеюм,* занон дар соҳаи хизмати давлатӣ, сарфи назар аз бартарии миқдорашон, дар тамоми гурӯҳҳои мансабҳои роҳбарикунанда ақаллиятро ташкил медиҳанд. Ба андешаи мо, чунин номутаносубӣ ба самаранокии кори мақомоти давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад, зеро аксар маврид мардон бо сабаби дароз будани мӯҳлати бадастории мансабҳои роҳбарикунанда, паст будани музди меҳнат дар марҳилаҳои аввали фаъолияти корӣ ва қонеъ набудан аз фаъолияти меҳнатии худ дар мансабҳои поёнии давлатӣ, ба хизмати давлатӣ дохил намешаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти мазкур чораҳои зарурӣ андешида мешавад, ки аз нигоҳи мо бояд онҳоро тақвият дод.

**Дар зербоби сеюми боби дуюм – «Танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** муаллиф масъалаи танзим ва татбиқи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии занонро мавриди баррасӣ

қарор додааст. Рисоланавис қайд менамояд, ки ҳуқуқҳои мазкур нақши муҳимро дар ҳаёти инсон иҷро менамоянд. Дар сурати муайян намудан, ин ҳуқуқҳо аз давлат таваҷҷуҳи бештарро тақозо менамоянд. Татбиқи ин категорияи ҳуқуқҳо дар сиёсати ҳуқуқии давлат, ки ба принсипи конститутсионии бунёди давлати иҷтимоӣ асос ёфтааст, пешбинӣ шудааст. Фаъолияти чунин давлат бояд ҳамеша ба таъмини зиндагии шоиста ва рушди озодонаи инсон, аз ҷумла занон нигаронида шуда бошад.

Дар санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон (аз ҷумла, боби 4-и Конвенсия оид ба барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон) ва қонунгузории кишвар, ба танзими ин категорияи ҳуқуқҳо диққати махсус дода шудааст. Ҳамин тавр, дар боби ишорашудаи конвенсия пешбинӣ мегардад, ки давлат бояд тамоми чораҳоро ҷиҳати бартараф намудани табъиз нисбати занон дар соҳаи маориф, меҳнат, таъминоти иҷтимоӣ, тандурустӣ, муносибатҳои оилавӣ ва ғ., андешад.

Дар натиҷаи омӯзиш, мо ба хулосае омадем, ки танзим ва татбиқи баробарии гендерӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон мутаносиб мебошанд, новобаста аз оне ки як қатор масъалаҳо ба танзими иловагӣ ва коркарди чораҳои муассир баҳри таъмин воқеии баробарии гендерӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти давлат ва ҷомеа, ниёз доранд. Ба сифати чунин масъалаҳо, ки дар раванди таҳқиқи рисола ошкор карда шуданд, инҳо дохил мешаванд:

– Дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ як зумра монеаҳои субъективӣ ва объективӣ ҷой доранд: набудани боварӣ ба қобилияти шахсӣ ҳангоми оғоз ва пушбурди фаъолияти корӣ, ҷой доштани анъанаҳои қолабӣ ва ба таври қатъӣ муайян намудани нақши гендерӣ; дастрасии маҳдуд ба намудҳои гуногуни бозорҳои фурӯш ва қарзҳои номутаносиб. Барои бартараф намудани ин монеаҳо пешниҳод карда мешавад, ки фаъолияти соҳибкорзанони муваффақ пайваста тарғиб карда шавад. Ин имконият медиҳад то занон ба қобилияти шахсии худ эътимод пайдо намуда, ба ташаккули дарки мутавозини фаъолияти соҳибкории «мард» ва «зан» мусоидат намоянд. Инчунин бояд: чораҳои судманд ҷиҳати огоҳӣ пайдо намудани аҳолӣ аз барномаҳои мавҷудаи давлатӣ дар самти дастгирии соҳибкорӣ андешида шавад; таҳияи барномаҳои мақсадноки омӯзишӣ барои занони соҳибкор ва омӯхтани макалаҳои идоракунии соҳибкорӣ ба онҳо;

– дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ бояд ба масъалаи баробарӣ дар соҳаи меҳнат диққати махсус дода шавад. Мушкилоти асосии ин соҳа сегрегатсияи (ҷудошавии) касбии гендерӣ – тамоюли шуғли

мардон ва занон дар соҳаҳои муайян, вазифа ва бахшҳои касбӣ мебошад. Ҳалли ин масъала ҷудо намудани квотаҳоро барои занон дар соҳаҳои мушаххас, инчунин мустаҳкамкунии имтиёзҳои гуногуни андозсупориро барои корфармоёне, ки занҳоро ба кор ҷалб менамоянд, тақозо мекунад.

– Дар самти никоҳ ва муносибатҳои оилавӣ ҳалли муносибатҳои амволӣ байни зану шавҳар зарур аст. Ба назар чунин менамояд, ки дар раванди ҷудошавии ҳамсарон масъалаи маскуннамоӣ ба таври зарурӣ роҳандозӣ карда намешавад. Барои ҳалли масъалаи мазкур бояд ҳатман шартномаи никоҳӣ баста шуда, дар он талаботи амиқ оид ба танзим намудани муносибатҳои амволӣ ҷой дода шавад.

– дар самти ҳифзи саломатӣ дар сатҳи қонунгузорӣ бояд як қатор нобаробариҳое, ки оид ба масъалаи таъмини саломатии занон вуҷуд доранд, бартараф кардан лозим аст. Ҷойи шубҳа нест, ки ҳифзи саломатии репродуктивии занон аҳамияти муҳимро доро аст, аммо бояд ба дигар паҳлӯҳои саломатии занон (саратон, безурётӣ, бемориҳои бо роҳи ҷинсӣ гузаранда, бемориҳои руҳӣ ва ғайра, ки аксар вақт сабаби худкушии занон мешванд), низ диққати махсус сафарбар карда шавад. Ҳамон тавре маълум аст, дар аксар маврид бештари бемориҳо дар мардон ва занон этимология ва табиати пайдоиши гуногун доранд ва табобати онҳо низ махсусиятҳои худро дорад. Ҳангоми танзими ҳуқуқии мушкилоти вобаста ба саломатии занон дар сатҳи қонунгузорӣ бояд диққати махсус ба самти мазкур нигаронида шавад.

– Дар соҳаи маориф ва илм, масъалаи номутаносибии кадрҳои илмии кишвар бояд ҳалли худро ёбад. Барои ин зарур аст то дар якҷоягӣ бо марказҳои илмии кишвар чорабиниҳои гуногун омода карда шаванд, ки онҳо барои ҷалби занон ба фаъолияти илмӣ мусоидат намоянд. Дар байни ин чорабиниҳо пешниҳод карда мешавад, ки барои занони ҳомила ва занони дорои кӯдакони ноболиғ давраи дарозтари таҳсил дар магистратура, аспирантура ва докторантура муқаррар карда карда шавад; квотаҳои занон дар шӯрои диссертатсионӣ барои ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ; пардохти иловагӣ барои роҳбарони илмӣ, ки аспирантҳо ва докторантҳои онҳо занон мебошанд.

**Дар хулоса** муаллиф пешниҳод ва хулосаҳои асосии назариявии дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаро матраҳ намудааст. Аз ҷумла, муаллиф мафҳуми сиёсати давлатии ҳуқуқиро чунин шарҳ додааст: Сиёсати давлатии ҳуқуқӣ – ин фаъолияти муназзам, илмӣ ва амалан асоснокёфтаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, инчунин намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва халқ мебошад, ки ба такмили унсурҳои

танзимнамоии ҳуқуқии фаъолияти давлат ва ҷомеа нигаронида шуда, дорои хусусияти ояндабинӣ мебошанд. [1–М].

Баъдан, муаллиф иброз менамояд, ки дар замони муосир вазифаи асосии давлатҳои ҷаҳон аз эътироф, риоя ва хифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон иборат мебошад. Ҳар як давлат вазифаи мазкурро бо роҳу усулҳои гуногун амалӣ менамояд, ки дар маҷмӯъ сиёсати ҳуқуқии давлатро дар соҳаи амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ташкил медиҳад ва он барои бунёди давлати ҳуқуқбунёд мусоидат менамояд. Рисоланавис чунин шаклҳои татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсонро матраҳ менамояд: ҳуқуқмустаҳкамнамоӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ ва фаъолияти тарбияи ҳуқуқӣ.

Рисоланавис қайд менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон як зумра уҳдадориҳои байналмилалиро дар самти ҳуқуқи инсон, аз ҷумла ҳимояи ҳуқуқи занон бар дӯш гирифтааст. Дар давраи соҳибистиқлолӣ, кишвар корҳои муҳимро оид ба коркарди сиёсати давлатӣ ва ҳуқуқӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқи занон ба роҳбарӣ гирифт, ки натиҷаи он қабул гардидани маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт мебошад. Онҳо нақши асосиро ҷиҳати иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти ҷомеа ва давлат гузоштанд. Бо дарназардошти ин, метавон иброз намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати гендерии мутаносиб ташаккул ёфтааст, ки барои ҳалли мушкилоти мавҷуда оид ба баробарии мардон ва занон мусоидат менамояд. Ин сиёсат иштироки фаъолонаи занонро дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар соҳаҳо таъмин менамояд. [11–М]

Муаллиф иброз менамояд, ки ташаккул ва рушди ҳуқуқи занон ва механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи онҳо дар низоми ҳуқуқи инсон ҳамчун категорияи мустақил, имконият доданд то мақоми зан дар ҷомеа ва давлат тағйир ёбад. Стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи занон на дар як ҳуҷҷат, балки дар маҷмӯи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии хусусияти тавсиявӣ ва ҳатмидошта, ки самтҳои гуногуни ҳимояи ҳуқуқи занонро ба танзми медароранд, таҳия карда шудаанд. Дар натиҷаи таҳқиқот, мо ба хулосае омадем, ки қонунгузории миллӣ ба талаботи стандартҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дар самти таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи занон мутобиқат менамоянд. [3–М].

Ба андешаи муаллиф, барои ба амал баровардани сиёсати давлатии ҳуқуқӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқи занон нақши созгорро механизмҳои амалисозандии ҳуқуқҳои мазкур иҷро менамоянд, ки аз унсурҳои зерин иборатанд – инъикосёбӣ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ, кафолат додани ҳуқуқҳои мазкур, имконияти маҳдуд намудани онҳо, ҳимоя ва ҷавобгарӣ. [4–М].

Муаллиф ба хулоса омадааст, ки ҳуқуқҳои шахсии занон дар Конститутсия ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ дар шакли умумӣ пешбинӣ карда шудаанд, вале дар Конвенсия оид ба барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар дода шудааст. Дар ин росто, бояд қайд намуд, ки Конвенсия на ҳамаи ҳуқуқҳои шахсии занонро дар худ ҷой додааст, танҳо он ҳуқуқҳои шахсие дарҷ ёфтаанд, ки нисбатан осебпазир дар муносибат бо занон мебошанд. [5-М]

Дар навбати худ, ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳамчун ҳуқуқҳои барномавӣ таваҷҷуҳи бештарро аз ҷониби давлат тақозо менамоянд. Дар санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон (аз ҷумла, боби 4-и Конвенсия оид ба барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбати занон) ва қонунгузории кишвар, ба танзими ин категорияи ҳуқуқҳо диққати махсус дода шудааст. Дар натиҷаи омӯзиш, мо ба хулосае омадем, ки танзим ва татбиқи баробарии гендерӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон гендери мутаносиб мебошанд, новобаста аз оне ки як қатор масъалаҳо ба танзими иловагӣ ва коркарди чораҳои муассир баҳри таъмин намудани баробарӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти давлат ва ҷомеа, ниёз доранд.

## Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсия дар маводи интишории зерини муаллиф дарҷ шудаанд:

### Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1–М]. Бухориева С.М. «Правовая политика как важнейшее направление государственной политики» [Текст] / С.М. Бухориева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально–экономических и гуманитарных наук. – 2017– №2/ 3 –Душанбе: Сино, – С. 247– 251.

[2–М]. Бухориева С.М. «Женщина в науке: нереализованный потенциал» [Текст]/ С.М. Бухориева // Законодательство. – 2017№3 (27) –Душанбе. – С. 29–33.

[3–М]. Бухориева С.М. Роль международных стандартов в обеспечении равноправия в Таджикистане [Текст]/ С.М. Бухориева // Правовая жизнь. – 2019 – № 4. – С. 91–98.

[4–М]. Сафарзода Б.А., Бухориева С.М. Сравнительно–правовой анализ закрепления международных стандартов в области защиты прав

женщин в законодательстве Республики Таджикистан. [Текст]/ Б.А. Сафарзода, С.М. Бухориева // Правовая жизнь. – 2020 – № 1. – С.55–73.
[5-М] Бухориева С.М. «Правовая регламентация и реализация личных и политических прав и свобод женщин в Республике Таджикистан» [Текст] / С.М. Бухориева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально–экономических и общественных наук. – 2020– №2 –Душанбе: Сино, – С. 249– 254.

**Мақолаҳои илмие, ки дар нашрия ва маҷмӯаҳои дигар чоп шудаанд:**

[6–М]. Бухориева С.М. Правовая политика Республики Таджикистан в годы независимости – основы развития прав и свобод женщин» [Текст]/ С.М. Бухориева // Сборник республиканской конференции «Вклад женщин в развитии науки». – Душанбе, 2017 – С.71–77. (на тадж. яз)
[7–М]. Бухориева С.М. Независимость как основание развития прав и свобод женщин [Текст]/ С.М. Бухориева // Трибуна юриста. – №17–18 (32–33), 10.11.2016. – С. 4. (на тадж.яз.)
[8–М]. Бухориева С.М. Женщины и молодёжи в центре внимания социальной политики государства [Текст]/ С.М. Бухориева // Женщина и семья. – 2019. №2 – С.4–5. (на тадж. яз).
[9–М]. Бухориева С.М. Реализация гендерной политики: достижения и проблемы [Текст]/ С.М. Бухориева // Всеобщая декларация прав человека и современные тенденции развития прав человека: проблемы и перспективы (материалы международной научно–практической конференции, посвященной 70–ой годовщине принятия Всеобщей декларации прав человека) – Душанбе, 2019. – С.235–238. (на тадж. яз)
[10–М]. Бухориева С.М. Права женщин– неотъемлемая часть права человека [Текст]/ С.М. Бухориева // Права человека: проблемы, пути решения и перспективы. (материалы международной научно–практической конференции, посвященной празднованию дня принятия Всеобщей декларации прав человека). – Душанбе,2019. – С. 200–204. (на тадж. яз)
[11–А]. Бухориева С. М. Гендерная политика как часть правовой политики [Текст]/ С.М. Бухориева // Материалы Республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава, сотрудников и студентов ТНУ, посвященной «5500-летию древнего Саразма», «700-летию выдающегося таджикского поэта Камола Худжанди» и «20-летию изучения и развития естественных,

точных и математических наук в сфере науки и образования (2020-2040 годы)» – Душанбе 2020. – С.226-227.

## АННОТАЦИЯ

### на диссертацию Бухориевой Сафаргул Мансуровны на тему «Правовая политика Республики Таджикистан в сфере прав и свобод женщин»

**Ключевые слова:** права человека, права женщин, гендер, правовая политика, гендерная политика, Конституция, международные стандарты, равенство, не дискриминация, защита прав женщин.

Кандидатская диссертация С.М. Бухориевой посвящена актуальной в юридической науке теме. Вопросы, связанные с обеспечением равноправия граждан в общем и равноправие полов в частности выступают в качестве основного элемента конституционно-правового статуса личности, являются первоисточником построения отношений в обществе и тем самым определяют смысл и содержание деятельности государства по его соблюдению и защите указанного статуса.

Проведение исследования относительно вопроса о формировании и реализации правовой политики в сфере защиты и обеспечения равенства прав мужчин и женщин является крайне актуальным, так как правовое регулирование и реализация указанного равенства на практике нередко оказываются асимметричными (неравномерными). Причем такое исследование может быть только комплексным оно должно охватить ключевые сферы жизни общества, политическую социально- экономическую и культурную.

Диссертантом в ходе исследования изучены вопросы понятия, сущности и видов правовой политики в Республике Таджикистан, формирование правовой политики в сфере обеспечения прав человека в Таджикистан и формирование и правовое закрепление гендерной политики в Республике Таджикистан, а также вопросы влияния международно-правовых стандартов на формирование правовой политики в сфере обеспечения прав женщин в Республике Таджикистан, правовую регламентацию и реализацию личных, политических экономических, социальных и культурных прав и свобод женщин в Республике Таджикистан.

## АННОТАТСИЯ

**Ба диссертатсияи Бухориева Сафаргул Мансуровна дар мавзӯи «Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқ ва озодии занон»**

**Калидвожаҳо:** ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи занон, гендер, сиёсати ҳуқуқӣ, сиёсати гендерӣ, Конститутсия, стандартҳои байналмилалӣ, баробарӣ, бидуни табъиз, ҳимояи ҳуқуқи занон.

Рисолаи номзадии С.М. Бухориева ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шудааст. Масъалаи таъмини баробарии шаҳрвандон дар маҷмӯъ ва баробарӣ аз рӯи ҷинс дар алоҳидагӣ ба сифати унсури асосии мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқии шахс баромад намуда, сарчашмаи асосии ташаккулёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд ва бад-ин васила мақсад ва моҳияти фаъолияти давлатро барои риоя ва ҳимояи мақоми зикршуда муайян менамоянд.

Гузаронидани таҳқиқот оид ба ташаккул ва амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ дар самти ҳимоя ва таъмини баробарии ҳуқуқҳои мардон ва занон хело муҳим аст, зеро танзими ҳуқуқӣ ва амалисозии баробарии ишорашуда дар амалия аксар маврид нобаробар сурат мегирад. Гузашта аз ин, чунин таҳқиқот бояд ҳамаҷониба сурат гирад ва дар он соҳаҳои калидии ҳаёти ҷомеа, ба мисли соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мавриди омӯзиш қарор дода шаванд.

Дар ҷараёни баррасии мавзӯъ, муаллиф масъалаҳои мафҳум, моҳият ва шаклҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккулёбии сиёсати ҳуқуқӣ оид ба таъмини ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккулёбӣ ва мустаҳкамгардии ҳуқуқии сиёсати гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсири стандартҳои байналмилалӣ ба ташаккули сиёсати ҳуқуқӣ дар самти таъмини ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзими ҳуқуқӣ ва амалисозии ҳуқуқу озодиҳои шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии занонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намудааст.

## ANNOTATION

### for the dissertation of Bukhorieva Safargul Mansurovna on the topic "Legal policy of the Republic of Tajikistan in the field of women's rights and freedoms"

**Key words:** human rights, women's rights, gender, legal policy, gender policy, Constitution, international standards, equality, non-discrimination, protection of women's rights**.**

The dissertation S.M. Bukhorieva is devoted to a topic relevant to legal science. Issues related to ensuring the equality of citizens in general and equality of the sexes in particular act as the main element of the constitutional and legal status of an individual, are the primary source of building relationships in society and thereby determine the meaning and content of the state's activities to comply with and protect this status.

Carrying out a study on the formation and implementation of legal policy in the field of protecting and ensuring equality of the rights of men and women is extremely relevant, since legal regulation and implementation of this equality in practice often turn out to be asymmetric (uneven). Moreover, such a study can only be comprehensive; it should cover the key spheres of social life, political, socio-economic and cultural.

In the course of the research, the dissertation student studied the issues of the concept, essence and types of legal policy in the Republic of Tajikistan, the formation of legal policy in the field of ensuring human rights in Tajikistan and the formation and legal consolidation of gender policy in the Republic of Tajikistan, as well as the issues of the influence of international legal standards on the formation of legal policy in the field of ensuring women's rights in the Republic of Tajikistan, legal regulation and implementation of personal, political, economic, social and cultural rights and freedoms of women in the Republic of Tajikistan.